# Кадом гуноҳ бузургтар аст, зино ё тарки намоз?

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Таҳия ва тарҷума: Мусъабӣ Ҳамза

**Сомонаи: Ҷомеъи Фатовои аҳли суннат ва ҷамоъат. IslamPP.Com**

2013 - 1434

IslamHouse.com

# أي الذنبين أكبر الزنا أم ترك الصلاة ؟

«باللغة الطاجيكية»

إعداد و ترجمة: مصعب حمزة

موقع جامع فتاوى أهل السنة. IslamPP.Com

2013 - 1434

IslamHouse.com

**Кадом гуноҳ бузургтар аст, зино ё тарки намоз?**

**Суол: Чигунае, ки Худованд зиноро бар мо ҳаром гардонидааст, тарки намозро низ бар мо ҳаром гардонидааст. Кадом яки аз ин ду гуноҳ бузургтар аз дигари аст?**

Ҷавоб: Ҳамду сано Худованди якторо!

Гуноҳи тарки намоз аз гуноҳи зино кардан бузургтар аст, зеро тарки намоз куфри акбар аст ва инсонро аз дин хориҷ мегардонад, Аммо зино аз ҷумлаи гуноҳони кабира аст, ки инсонро кофир намегардонад, магар инки зиноро ҳалол бишуморад, ҳамин тавр ҳаргоҳ зинокор бар ҳоким таслим карда шавад, воҷиб аст, ҳукми шариъатро бар ӯ ҷори гардонад.

Фатвои лаҷнаи доима, маҷмуъаи аввал ҷилди шашум (Намоз 1), раҳами фатво 10618

**Тавзеҳ:** *Лозим ба ёдовари аст, ки баъзе аз олимон ва фақеҳони дигар мазоҳиб тарки намозро куфри акбар намедонанд, (дар ин ҳолат аз дин хориҷ намешавад) магар он касе, ки мункири воҷиб ё фарз будани намоз бошад. (дар ин ҳолат ӯ кофир мешавад, яъне касе қасдан ва дониста гӯяд, ки намоз хондан фарз нест, кофир мегардад, зеро ӯ фарз будани намозро мункир шуд).*

Бо вуҷуди ин онҳо гуноҳи тарки намозро аз гуноҳи зино ва шаробхури бузургтар шумoридаанд. Зеро намоз дар байни дигар ибодатҳо ҷойгоҳи хоссе дорад, Ва он дувумин рукн ва пояи ислом баъд аз калимаи шаҳодат мебошад.

Ҳатто паёмбари Худо (с) дар бораи намоз фармудааст: "Сарчашмаи корҳо ислом ва сутуни он намоз аст".

Тирмизӣ 2616

Дар ҷои дигар мефармоянд: "Аввалин чизе, ки бандаи мусалмон дар рӯзи қиёмат ҳисобукитоб мешавад, намозҳои фарзи аст".

Ибни Моҷаҳ 1425

Бинобар ин тарки намоз бисёр кори хатарнок аст. Ва касоне, ки намоз намехонанд бояд донанд, ки чи гуноҳи бузургеро бар душ гирифтаанд. Бар онҳо воҷиб аст, ки тавба кунанд ва намозҳои худро дар вақташ ба ҷой биёранд.

Сомонаи: Ҷомеъи Фатовои аҳли суннат ва ҷамоъат.

IslamPP.Com